# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Солиҳов Маҳмадсалим Маҳмадуллоевич дар мавзӯи “Такмилдиҳии технологияи самараноки захираи намӣ вобаста аз коркарди чуқурии хок дар заминҳои лалмии водии Ҳисор” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) –доктор аз рӯйи ихтисоси 6D080101 – Зироаткории умумӣ, растанипарварӣ.**

Соҳаи кишоварзӣ бахши пешбарандаи иктисодиёти Тоҷикистон ба шумор рафта, дар солҳои охир новобаста аз таъсироти офатҳои табиӣ ва омилҳои бӯҳронӣ, дар сатҳи зарурии устувор қарор дорад. Истифодаи пурсамар ва оқилонаи захираҳои замин ва об, афзун намудани истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ бе таъмин намудани тараққиёти устувори соҳаи кишоварзӣ ва тавассути истифодаи технологияҳои ҳозиразамон, ҷори намудани дастовардҳои илмӣ ғайри имкон аст. Алхусус нақши асосиро истифодаи заминҳои лалмии кишвар, ки манбаи асосии истеҳсоли маҳсулоти ғизоӣ махсуб ёфта, парваришу истеҳсоли зироатҳои лӯбиёгии серсафеда ва равғандеҳ аз қабили мушунг, зағир ва маъсар, ки аз ҷиҳати иқтисодӣ фоидаовар буда, барои рӯёнидани ҳосили баланд бо истифодаи технологияи захираи намӣ, ишғол менамояд.

Аз тарафи муаллиф М.М. Солиҳов такмилдиҳии технологияи самаранокии захираи намӣ вобаста аз коркарди чуқурии хок дар навъҳои маҳаллии минтақабобшудаи мушунги “Серҳосил”, маъсари “Шифо”ва зағири “Ҳисор-10” мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор дода шуда, дар шароити дигаргуншавии иқлим асоснок ва илман мутобиқ карда шуд.

Бори аввал аз тарафи М.М. Солиҳов дар заминҳои лалмии бо боришот таъмини Тоҷикистони Марказӣ самаранокии технологияи захираи намӣ вобаста аз чуқурии коркарди хок муайян карда шуд, ки он рӯёнидани ҳосили баланд ва устувори зироатҳои мушунг то 18,1 с/га, маъсар то 22,7 с/га ва зағирро то 12,1с/га таъмин менамояд. Инчунин, бори аввал таъсири чуқурии коркарди хокро ба ташаккулёбии биомассаи биологӣ, масоҳати барг, нишондодҳои фотосинтетикӣ ва сохтори таркибии ҳосили зироатҳои лӯбиёдонагӣ ва равғандеҳ исбот карда шуд.

Муаллиф дар аввали давраи нашъунамои зироати мушунг вобаста ба варинтҳо аз 1086 то 1355 $м^3$/га, зироати маъсар аз 1148 то 1333 ва зироати зағир аз 717 то 888 $м^3$/га намӣ захира муайян намуда, пеш аз ҷамъоварии ҳосил мутаносибан аз 257 то 348; 170 то 250; 327 то 438 $м^3$/га боқӣ монданашро аниқ кардааст. Истифодабарии намии шабонарӯзи вобаста ба вариантҳо: мушунг аз 9,5 то 10,9; маъсар аз 10,3 то 11,9 ва зағир аз 8,3 то 10,3 $м^3$/га-ро ташкил кардааст.

Дар байни вариантҳои омӯзиши аз ҳама даромади софи баланд, ҳангоми чуқурии кокарди хок 30 см будан ба даст оварда шудааст: зироати мушунг - 12140 сомонӣ, даромаднокӣ -203% ва арзиши аслии пастарини 1 сентнер ҳосили дон -329 сомонӣ, зироати маъсар мутаносибан 16079 сомонӣ; 243%; 292 сомонӣ ва зағир 7500 сомонӣ; 163%; 380 сомонӣ.

Натиҷаи корҳои таҳқиқотии унвоҷӯ доир ба мавзӯъ дар 17 маводи илмӣ ба табъ расидааст, ки аз онҳо 12 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардида мебошад.

Дар маҷмӯъ автореферати диссертатсияи Солиҳов Маҳмадсалим Маҳмадуллоевич дар мавзӯи “Такмилдиҳии технологияи самараноки захираи намӣ вобаста аз коркарди чуқурии хок дар заминҳои лалмии водии Ҳисор” ба талаботи Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Низомномаи “Тартиби додани дараҷаи илмӣ ва унвонҳо” мувофиқ дониста, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) –доктор аз рӯйи ихтисоси 6D080101 – Зироаткории умумӣ, растанипарварӣ сазовор мешуморам.

Мудири кафедраи агротехнология ва экологияи саноат,
Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии
Тоҷикистон ба номи ак. М.С.Осимӣ
дар ш. Хуҷанд (ДПДТТХ),
дотсент, доктори илмҳои кишоварзӣ бо ихтисоси
06.01.01 – зироаткории умумӣ, растанипарварӣ. **Рашидов Н.Ҷ.**
**Тел. моб.:** +992 92 720 5057
**Почтаи эл.:** naimrashidov-tj@mail.ru

Имзои Н.Ҷ. Рашидовро тасдиқ менамоям:
Мудири ШК ДПДТТХ **Ёқубова М.А.**

**Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, хиёбони И.Сомонӣ 226.

26 / 05 / 2023с.